**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Дар замони муосир, ки инсоният умр ба сар мебарад, робитаи мутақобил дар байни давлат ва шахс ҷой дошта, бидуни мавҷудияти чунин робитаи самаранок таъмин намудани ҳадафҳои давлатӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон ва аз доираи тахайюлоти инсонӣ берун мебошад. Бояд зикр намуд, институти робитаи мутақобили давлат ва шахс падидаи

нави ҳуқуқӣ ба ҳисоб нарафта, он огозгоҳи худро дар ҳазорсолаҳои қабл аз мелод мегирад, ки дар доираи халқияти миллатҳо ва тамаддунҳои чудогона бо дарназардошти унсурҳои хоси онҳо ташаккул ва рушд менамуд. Аммо, робитаи давлат ва шахс, ки дар марҳилаи кунунӣ вуҷуд дорад, як навъ хусусиятҳои хосси худро дошта, он тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ рӯйи кор омада, масъулиятро ҳам дар назди давлат ва ҳам дар назди шаҳрванд вогузор менамояд. Масалан, агар мо ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, пас маълум мегардад, ки дар сатҳи конститутсионӣ ин падидаи ҳуқуқӣ ба таври бевосита ҷой дода шудааст ва он ҳамчун унсури марказӣ дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди мо баромад менамояд. Махсусан, масъулияти давлатро мо дар эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки сеяки моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд, ба таври возеҳ мушоҳида менамоям ва дар як вақт, меъёрҳои конститутсионӣ вазифаҳои конститутсионии шаҳрванд ва ё масъулияти конститутсионии шаҳрвандро дар моддаҳои 42-45 пешбинӣ менамоянд, ки моҳияти модели конститутсионии робитаи давлат ва шахсро дар кишвари мо бозгӯй менамоянд. Вале, масъалаи ҳассос он аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуну моҳияти худро дигаргун намуда, назарияҳои навро дар самти шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон ба вуҷуд оварда истодаанд, ки дар баъзе аз кишварҳои аврупоӣ ва ҳатто гайриаврупоӣ онҳо танзими ҳуқуқии худро пайдо намуда истодаанд. Албатта, бештари ҳуқуқу озодиҳои наслҳои нави ҳуқуқи инсон ба зидди манфиатҳои халқу миллатҳо буда, ҳангоми эътирофнамоии онҳо имконияти таҳдиди воқеӣ эҷод намудан ба амнияти миллӣ ва давлатиро рӯйи кор меорад. Бо ин назардошт, дар марҳилаи кунунӣ давлат бояд масъулияти худ ва ё робитаи худро бо шахс дар заминаи манфиатҳои миллӣ, давлатӣ ва бештар аз ҳама, ба назардошти манфиати аксарияти аҳолии кишвар, муайян намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 3-юми моддаи 1-и Конститутсия иҷтимоӣ будани худро эълон намуда, масъулияти таъмин намудани

зиндагии шоистаро барои ҳар як шаҳрванди кишвар ба зиммаи худ гирифтааст, ки ин робитаи давлатро бо шахс боз ҳам бештар менамояд. Зеро, дар ҷомеаи муосир ягон халқу миллате вуҷуд надорад, ки дар он масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ вуҷуд надошта бошанд. Дар ҳоле чунин аст, пас давлат бояд баҳри бартараф намудани мушкилоти иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандони худ аз тамоми имкониятҳои муқаррарнамудаи қонунӣ истифода намояд ва дар таъмин намудани моҳияти иҷтимоии давлат саҳмгузор бошад. Масалан, дар давлат табақаҳои осебпазир, ба мисли кӯдакон, занон, маъюбон, пиронсолон ва ғ. вуҷуд доранд, ки бештар ба ҳимояи давлат дар самти иҷтимоиёт ниёз пайдо менамоянд ва давлат бояд онро то ҳадди зарурӣ иҷро намояд. Аммо, дар шароити кунунӣ расидан ба моҳияти ҳаматарафаи давлати иҷтимоӣ аз сатҳи иқтисодиёт ва рушди истеҳсолоти давлат вобастагӣ дошта, дар муддати кӯтоҳ имконияти амалӣ намудани ҳадафҳои иҷтимоии давлат ғайриимкон мегардад. Маҳз дар ҳамин ҳолат, қонунгузории кишвар бояд роҳҳу василаҳои қонуниеро муайян намояд, ки робитаи мутақобила дар байни давлат ва шахс баҳри амалӣ намудани манфиатҳои ҳар ду ҷониб, имконпазир гардад.

Бояд қайд намуд, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ яке аз василаҳои хуби ҳамкорӣ дар байни давлат ва шахс ба ҳисоб рафта, дар ҳоли беҳтар гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ имконияти таъмини қонуният дар ҷомеа бештар мегардад. Маҳз бо ҳамин назардошт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023 ба муносибати сазовор таҷлил намудани 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Аммо, масъалаи мазкур таҳқиқоти бунёдии илмиро тақозо менамояд то роҳ ва василаҳои илман асосноки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ коркард ва дар сатҳи қонунгузорӣ танзим карда шаванд. Новобаста аз он, ки дар ду даҳсолаи охир илми ҳуқуқшиносии ватанӣ паҳлуҳои ҷудогонаи маърифати

ҳуқуқиро таҳқиқ намуд, аммо ҳоло ҳам мушкилотҳои зиёди назариявӣ ва амалие вуҷуд доранд, ки роҳи ҳалли худро тақозо менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ сиёсати хориҷии худро ба таври оқилона муайян намуда, онро ҳамчун сиёсати «дарҳои кушода» муаррифӣ кард, ки дар натиҷаи он имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 183 давлати дунё робитаҳои дипломатӣ ва дӯстонаро ба роҳ монда, аъзои даҳҳо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад. Чунин сиёсат давлату Ҳукумати моро водор менамояд, ки санадҳои бунёдӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҷонибдорӣ намуда, қонунгузории худро ба онҳо мутобиқ намояд. Имплементатсияи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар қонунгузории миллии мо мушоҳида шуда, масъулияти давлатро дар ин самт боз ҳам ҷонок менамояд. Қобили зикр аст, ки давлат ҳангоми муайян намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон бояд манфиатҳои миллии худ, инчунин манфиатҳои аҳолии кишварро дар мадди аввал гузошта, баҳри шинохти ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва таъмини воқеии онҳо қадам бигзорад. Дар чунин ҳолат, зарурат ба миён меояд, ки чунин сиёсати ҳуқуқӣ аз нигоҳи илмӣ таҳқиқ карда шавад.

Гуфтаҳои фавқуззикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи рисолаи доктории Миралиев И.Қ. воқеан мубрам буда, таҳлили анҷомпазируфта дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Миралиев И.Қ. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёти истифодашуда, инчунин интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии

диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқикот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Ташаккул ва инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар ҷараёни таҳаввулоти ҳуқуқи инсон»** ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар ин боби рисолаи илмӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс, ташаккул ва рушди назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар афкори Ғарб ва илми муосир, назарияҳои муосири робитаи давлат ва шахс, инчунин инкишофи назарияҳои муосири робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Яке аз махсусиятҳои боби мазкур дар он аст, ки муаллиф ба таври васеъ афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккирони тоҷику форсро оид ба робитаи давлат ва шахс таҳлил намуда, иброз менамояд, ки андешаҳо, гояҳо ва нуктаҳои назари мутафаккирони тоҷик шакли инъикоси фарҳанги миллӣ ва орзуву ормони тоҷикон буда, аз ақидаҳои мутафаккирони гарбӣ ба куллӣ фарқ менамояд. Пажуҳишгар ишора бар он менамояд, ки дар садаи нав ҷомеаи Ғарб «арзишҳои» нави ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳуқуқии худро ба ҷомеаи башарӣ пешниҳод намуд, ки анъанаҳои миллиро сарфи назар менамоянд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Назария ва амалияи робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи амалӣ гардидани назарияи давлати иҷтимоӣ аз зумраи масъалаҳои марказии боби мазкур ба ҳисоб рафта, муаллиф тавонистааст онҳоро мӯшикофона таҳлил ва баррасӣ намояд. Таҳқиқбаранда ишора менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назарияи миллии робитаи давлат ва инсон бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихии Тоҷикистон, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву маънавӣ ва анъанаҳои миллӣ амалӣ мешавад. Он, аз як тараф, дар асоси ғояҳо, муқаррарот ва арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда (шаъну шарафи инсон, дахлнопазирии шахсӣ, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва гайра) роҳандозӣ мегардад, агар онҳо мухолифи

фарҳанги миллӣ набошанд. Аз тарафи дигар, татбиқи модели миллӣ дар партави стратегияи рушди миллӣ, дар иртибот бо афзалияти анъанаҳои миллӣ сурат мегирад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон»** ном дошта, аз шаш зербоб иборат аст. Дар доираи боби мазкур як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили инкишофи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба эътироф, риоя ва амалисозии ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Аврупо, таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Африқо ва Чин, сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин таҷрибаи ҷомеаи байналмилалӣ дар самти таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар доираи боби мазкур тавонистааст, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва робитаи давлат ва шахсро дар партави он, дар доираи оилаҳои ҳуқуқӣ ва низомҳои ҳуқуқии мухталиф таҳлил намояд ва дар заминаи он хулосаҳои илман асоснокро барои рушди сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намояд.

Боби чоруми рисолаи илмӣ **«Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон чун омили рушди робитаи давлат ва шахс»** ном дошта, дар доираи чор зербоб таҳлил шудааст. Дар ин қисмати рисолаи илмӣ масъалаҳои ҷудогона, аз қабили сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат ва шахс чун субъекти бунёдии сиёсати давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сиёсати давлат дар соҳаи тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, ҳамзамон унсурҳои байналмилалӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки аз манфиат орӣ набуда, баҳри пурра намудани мавзуи рисолаи илмӣ саҳмгузорӣ менамоянд.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва

шахс, муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бар меоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев И.Қ. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Пажӯҳиши диссертатсионӣ бо мушкилоти муосири марбут ба робитаи давлат ва шахс маҳдуд нашуда, балки бо заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷику форс оғоз гардида, бо муайянсозии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахе ба фарҷом расидааст. Докторанд вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз афкори сиёсӣ ва хуқуқии тоҷику форс, афкори сиёсӣ-ҳуқуқии Ғарб, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқи инсон, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-методологӣ, амалӣ ва муқоисавӣ-хуқуқии робитаи давлат ва шахсро ифода менамоянд. Яъне, таҳқиқбаранда бо дарназардошти омӯзиши масъалаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-методологӣ, амалӣ ва муқоисавӣ-хуқуқии робитаи давлат ва шахс нуктаҳои илмии худро ба самтҳои ишорашуда равона намудааст, ки онҳо вазифа ва ҳадафҳои гузошташударо дар рисолаи илмӣ таҷассум менамоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад:

– навгонии афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-хуқуқӣ, яъне дар рисола ташаккул ва инкишофи назарияҳо оид ба робитаи давлат ва шахс дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва дигар халқияту миллатҳо таҳлил гардида, махсусияти ҳар яке аз онҳо муайян карда шудааст;

– навгонии назариявӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф як қатор хулосаҳои илман асосноки худро аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар самти робитаи давлат ва шахс манзур кардааст;

– навгонии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он докторант таҳлили муқисавӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар сатҳи байналмилалӣ анҷом дода, дар заминаи он хулосаҳои худро баҳри рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон матраҳ намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни робитаи давлат ва шахс, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти назария ва амалияи миллӣ ва байналмилалии робитаи давлат ва шахс, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва дурнамои робитаи давлат бо шахс, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳкикоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев И.Қ. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба робитаи давлат ва шахс мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки назарияҳо ва моделҳои муосири робитаи давлат ва шахс муайян карда шуда, сиёсати ҳадафманд ва муайянкунандаи манфиатҳои давлат ва шахс, ки бар пояи унсурҳои давлати ҳуқуқбунёд асос

ёфтаанд, амиқ карда шаванд. Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳуқуқи инсон, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа» «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ», «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷа», «Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ» ва курси махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он докторант 47 маводи чопӣ, аз ҷумла 2 монография, 8 китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ, 37 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.**

Диссертатсияи Миралиев И.Қ. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар саҳ. 76-77 диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки «дар аввали солҳои 1990 дар илми ҳуқуқшиносии пасошуравӣ назарияи пештара оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бори дигар мавриди омӯзиш қарор гирифт. Раванди оҳиста дасткашӣ аз парадигмаи идеологии назарияи шуравии таърихи давлат ва ҳуқуқ, аз ҷумла муносибати мутақобилаи давлат ва инсон оғоз ёфт. Назарияи шуравии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо назарияи фитрии ҳуқуқи инсон иваз гардид. Дар рафти омӯзиши мушкилот оид ба даркнамоии давлат ва ҳуқуқ дар маркази он инсон бо ҳуқуқ ва озодиҳои худ қарор гирифт». Муаллиф инкишофи робитаи давлат ва шахсро дар солҳои 1990-ум бо дигаргуниҳои куллӣ дар инкишофи ҷомеа, аз чумла инкишофи назарияҳои ҳуқуқ алоқаманд мекунад. Аммо ақидаи муаллиф дар бораи он, ки назарияи шуравии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо назарияи фитрии ҳуқуқи инсон иваз гардид, аз лиҳози илмӣ баҳснок аст.

2. Дар саҳ. 79 диссертатсия муаллиф менависад, ки «коркарди тавсифи муосир оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи проблемаҳои мухталиф амалӣ мешавад. Яке аз чунин масъалаҳо ин гоя оид ба афзалияти ҳуқуқи инсон мебошад, ки бевосита бо мушкилии дигари илмӣ – мустақилияти шахсият алоқамандии зич дорад». Муаллиф ақидаҳои С.С. Алексеев ва Е.А. Лукашеваро ба асос гирифта, қайд мекунад, ки ибораи «ҳуқуқи инсон» ҳуқуқҳои шахси алоҳидаро дар назар дорад». Дар ин ҳолат муаллиф мафҳуми ҳуқуқи инсонро бо ҳуқуқҳои шахсӣ маҳдуд намуда, масъалаҳои дигари илмиро, ки бо моҳияти иҷтимоӣ-маънавии ҳуқуқи инсон робита доранд, ба инобат намегирад. Барои ҳамин ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст.

3. Дар саҳ. 82 диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки «дар давлати ҳуқуқбунёд муносибати мутақобилаи инсон ва ҳокимият ранги навро мегирад. Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсон чун субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ тағйир меёбад. Инсон ҳам алоҳида ва ҳам тавассути ташкилотҳои сиёсӣ бевосита бо давлат дар алоқа мешавад ва шаклҳои гуногуни назорати ҳокимиятро истифода мекунад. Таъсири

пештараи давлат (субъект) ба инсон (объекти таъсиршавандаи ҳокимият) дар давлати ҳуқуқбунёд хусусияти робитаи дутарафаро мегирад, зеро инсон аз объекти муносибаҳои ҳокимиятӣ ба субъекти баробарҳуқуқ табдил меёбад». Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки вазъи иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии инсонро омехта намуда, хусусиятҳои иштироки инсонро дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба инобат намегирад. Илова бар ин, ақидаи муаллиф дар бораи он, ки таъсири пештараи давлат (субъект) ба инсон (объекти таъсиршавандаи ҳокимият) дар давлати ҳуқуқбунёд хусусияти робитаи дутарафаро мегирад, шарҳи иловагиро талаб мекунад, чунки робитаи тарафайни давлат ва шахс бо дарназардошти ҳолати гуногуни субъект ва объекти ҳокимият ба роҳ монда мешавад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, инчунин илми ҳуқуқи инсон саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Миралиев И.Қ. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Миралиев Исфандиёр Қарахонович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Муовини котиби генералии Ассамблеяи
байнипарлумонии ИДМ-намояндаи
комилҳуқуқи Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи
байнипарлумонии ИДМ — Ғафурзода А.Д.

Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ мекунам:
Муовини сардори идораи кор бо кадрҳои
Котиботи Шурои АБП ИДМ -
сардори шуъбаи кардҳо — Белова М.И.

**Суроға**: 191015, Санкт-Петербург,
кӯч. Шпалерная, бинои 47, қасри Таври
Тел: + (812) 404-57-80
Факс: + 7 (812) 272-22-48
E-mail: halil-77@mail.ru

«19» апрели 2024 с.